Замима

Бо фармоиши сардори
Хадамоти иҷозатномадиҳии
фаъолияти шаҳрсозӣ
аз «___» _________ соли 2024
№_____тасдиқ шудааст.

**Дастурамали**
**мансабии мудири бахши кадрҳо ва ҳуқуқи**
**Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1) Номи мансаб-мудири бахши кадрҳо ва ҳуқуқи Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ.

2) Мансаби мазкур тибқи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои категорияи чорум мансуб меёбад.

3) Мудири Бахши кадрҳо ва ҳуқуқи Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ (минъбад мудири бахш) аз ҷониби сардори Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ (минбаъд сардори Хадамот) тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

4) Ишғолкунандаи мансаби мазкур ба сардори Хадамот тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошад.

5) Ба мудири бахш, сармутахассис (1-нафар), мутахассиси пешбар (1 - нафар) ҷамъ 2 нафар тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошанд.

6) Дар давраи муваққатан ҳозир набудани мудири бахш, иҷрои уҳдадориҳои мансабии ӯ ба зиммаи сармутахассиси бахш ва дар давраи муваққатан ҳозир набудани сармутахассиси бахш, ба мутахассиси пешбари бахш вогузор карда мешавад.

7) Мудири бахш бо сардорони шуъбаҳои Хадамот ва сохторҳои Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ менамояд.

## 2.Талаботҳои тахассусӣ

8) Барои мансаби мудири бахш талаботҳои тахассусии зерин муқаррар карда мешавад:

-таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ ё гумманитарӣ;

-3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;

- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;

-донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқукии соҳавӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии мудири бахшро ба танзим медароранд;

-мавҷудияти дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

-мавҷудияти малакаи тарзи дурусти муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-на камтар аз 1 маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;

-қобилияти бо компютер кор кардан.

## 3. Уҳдадориҳои мансабии мудири бахш

9) Роҳбарии умумӣ ва назорати фаъолияти кормандони бахшро анҷом медиҳад.

10) Интизоми иҷроияро дар бахш назорат ва иҷро менамояд.

11) Маводҳои воридшударо ба кормандони бахш барои иҷро мерасонад, рафти иҷрои онҳоро ба тарзи лозима ташкил ва назорат менамояд;

12) Ба кормандони бахш дар доираи ваколатҳои бахш супоришҳо дода, иҷрои саривақтии онҳоро назорат менамояд.

13) Нақшаҳои кори бахш ва дигар шуъбаву бахшҳоро дар ҳамоҳангӣ бо онҳо таҳия ва бо роҳбар тасдиқ намуда, иҷрои онро ташкил, назорат ва таъмин менамояд.

14) Иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти бахш дахлдоштаро бо мувофиқаи пешакии Роҳбар ташкил, назорат ва таъмин менамояд.

15) Лоиҳаи дастурамалҳои мансабии кормандони шуъбаву бахшҳоро таҳия, мувофиқа ва ба тасдиқи сардори Хадамот пешниҳод менамояд.

16) Ҳисоботҳои ҷамбастии омории давлатии шакли №1-ХД семоҳа, шашмоҳа ва солонаи Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозиро ба Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ пешниҳод менамояд.

17) Татбиқи муқаррароти қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Хадамотро таъмин менамояд.

18) Риояи Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешбурди Феҳристи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ.

19) Лоиҳаи тавсияҳои методии татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба фаъолияти бахш дахлдоштаро мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони бахш таҳия менамояд.

20) Лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аз тарафи дигар мақомоти давлатӣ барои мувофиқа пешниҳод карда

шудаанд, мустақилона ё дар якҷоягӣ бо дигар кормандони бахш баррасӣ карда, ба сардори Хадамот хулоса пешниҳод менамояд.

21)Лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавсияҳои методии омоданамудаи дигар бахшу шуъбаҳои Хадамоти иҷозатномадиҳиро мустақилона ё дар якҷоягӣ бо кормандони бахш баррасӣ намуда, хулосаи бахшро омода намуда, ба Роҳбар пешниҳод менамояд.

22) Дар санҷиши фаъолияти бахшу шуъбаҳои Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ оид ба риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа тибқи тартиби муқарраргардида иштирок намуда, аз натиҷаи санҷиш ба Роҳбар ҳисобот манзур менамояд.

23) Ҳайати кормандонро мунтазам таҳлил ва маълумотҳои дахлдор ба сардори Хадамот оид ба вазъи кор бо кадрҳоро пешниҳод менамояд.

24) Оид ба такмили тартиби гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ ва ташкили захираи кадрҳо таклиф пешниҳод менамояд.

25) Дар озмунҳое, ки аз ҷониби Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ гузаронида мешавад, иштирок менамояд.

26) Муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро оид ба тартиби гузаронидани озмун, аттестатсия, таъин ба мансабҳои хизмати давлатӣ, кор бо захираи кадрҳоро баррасӣ намуда, хулосаи Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозиро омода менамояд.

27) Ба роҳбарони бахшу шуъбаҳои Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулнамудаи соҳаи хизмати давлатӣ, кӯмаки методӣ мерасонад.

28) Мутобиқи тартиби муқарраргардида ҳисоботи кормандонро қабул намуда, нақшаи кории солонаи хизматчиёни давлатиро тартиб дода, бо гузоштани баҳо ба Варақаи баҳогузории фаъолияти хизматчии давлатиро хонапурӣ менамояд.

29) Дар кори комиссияҳо, гурӯҳҳои корӣ, ҷаласаҳо, машваратҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳои Хадамот иштирок менамояд.

30) Фаъолияти ҳамоҳангсозиро бо мақомоти зерин ба роҳ мемонад:

-Дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои тобеъи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Вазорати Адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

31) Ҷиҳати иштирок дар баҳогузории фаъолияти кормандони Хадамот ба сардори Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ ҳисобот пешниҳод менамояд.

32) Оид ба фаъолияти семоҳа, нимсола, нуҳмоҳа ва солонаи худ ва бахш ба сардори Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ҳисобот пешниҳод менамояд.

33) Ба фаъолияти кормандони бахш барои содир накардани амалҳои коррупсионӣ назорат менамояд.

34) Дар чаҳорчубаи қонунҳои амалкунанда дигар супоришҳои сардори Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозиро иҷро менамояд.

## 4. Ҳуқукҳои мудири бахш

35) Мудири бахш ҳуқукҳои зерин дорад:

-дар баррасии масъалаҳои ба фаъолияти бахш дахлдошта ва қабули қарор аз рӯи онҳо иштирок намояд;

-дар доираи ваколатҳои худ дар баррасӣ ва қабули қарор аз рӯи масъалаҳои ба уҳдадориҳои мансабии у дахлдошта иштирок намояд;

-маводҳои дар ихтиёри Хадамот мутаалиқ ба бахши ӯ қарор доштаро омӯзад;

-бо тартиби муқаррargardида иҷрои масъалаҳои таҳти назорати бахш қарордоштаро аз мақомоти дахлдор ва ё шахсони мансабдор талаб намояд;

-барои бартараф намудани камбудиҳои фаъолияти воҳидҳои сохтории Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ оид ба иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ таклиф пешниҳод намояд;

-ҷаласаҳо, машваратҳо ва дигар чорабиниҳоро, ки ба фаъолияти Бахш дахл доранд бо мувофиқаи Роҳбар, ташкил ва гузаронад;

-барои мукаммал намудани самти кор дар доираи уҳдадориҳои мансабӣ ва фаъолияти бахш ба сардори Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ таклиф пешниҳод намояд;

-дар бораи таҳия, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва ё беэътибор донистани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ таклиф пешниҳод намояд;

-дар бораи ҳавасмандгардонии кормандони бахш, ки ба комёбиҳои меҳнатӣ ноил гаштаанд, ба сардори Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ таклиф пешниҳод намояд;

-дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани кормандони Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ ба сардори Хадамот таклиф пешниҳод намояд;

-Бахшро дар муносибат бо дигар бахшу шуъбаҳои Хадамоти иҷозатномадиҳии фаъолияти шаҳрсозӣ намояндагӣ кунад.

36) Мудири Бахш дорои дигар ҳуқуқҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст мебошад.

## 5. Масъулияти мудири бахш

37) Мудири бахш дорои чунин масъулиятҳо мебошад:

-барои пешниҳод накардани маълумоти дуруст ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, тартиб додан ва пешбурди делои шахсии худ;

-мавҷудияти мамониатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» барои ба мансаб таъин намудан ва дар мансаб будан;

-барои риоя накардани маҳдудиятҳое, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» муқаррар намудааст;

-барои ошкор намудани сирри хизмати давлатӣ ва дигар сирре, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд; -барои риоя накардани меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ;

-барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;

-барои риоя накардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ;

-барои саривакт ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани вазифаҳои бахш, риоя накардани интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ аз ҷониби кормандони Хадамот;

-барои пешниҳод накардан ва ё пешниҳоди нодурусти эъломияҳо оид ба андоз аз даромад ва оид ба вазъи амволи хизматчии давлатии маъмурӣ дар мухлатҳои муқаррар гардида;

-дигар масъулияте, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

38) Мудири бахш барои иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, интизоми меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилӣ, истифодаи ғайримақсаднок ва нобуд сохтани моликияти барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ вобастакардашуда, тибқи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

## 6. Муқаррароти хотимавӣ

39) Дастурамали мансабии мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, нусхаи якум дар бахши кадрҳо ва ҳуқуқ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюми он ба мудири бахш бо гирифтани имзо, сабти ному насаб ва гузоштани сана дар китоби бақайдгирии дастурамалҳои мансабӣ супорида мешавад.

40) Ҳангоми ба таври ҷиддӣ тағйир ёфтани уҳдадориҳои мансабӣ ва ҳуқуқи хизматчии давлатии маъмурӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсия ва ё баҳодиҳии фаъолияти солона, инчунин ҳангоми азнавташкилдиҳии бахш ва дигар ҳолатҳое, ки боиси тағйир ёфтани Дастурамали мансабии мудири бахш мегарданд, Дастурамали мансабии мазкур аз нав таҳия ва бо Роҳбар тасдиқ карда мешавад.